31

МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ:

1. ш.Душанбе
2. ВМКБ
3. вилояти Суғд
4. вилояти Хатлон
5. ш.Турсунзода
6. ш.Ваҳдат
7. ш.Роғун
8. ноҳияи Варзоб
9. ноҳияи Рудакӣ
10. ноҳияи Шаҳринав
11. ноҳияи Ҳисор
12. ноҳияи Файзобод
13. ноҳияи Нуробод
14. ноҳияи Тоҷикобод
15. ноҳияи Рашт
16. ноҳияи Тавилдара
17. ноҳияи Ҷиргатол

**КУМИТАИ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА ВА МУДОФИАИ ГРАЖДАНИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734013, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе к.Лоҳутӣ 26. Тел.223-10-09. Факс: 221-91-19
Почтаи электронӣ: najot@rs.tj. Веб-сайт: www.khf.tj.

№ 8/1-1269 аз «28» декабри с 2015

Ба № 1528701 31-А аз «21» ноябри с 2015

Ба Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон
Қоҳир Расулзода

Муҳтарам Қоҳир Расулзода,

Ба нишонии Шумо ҳуҷҷатҳои маҷлиси ҳафтуми Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табииро аз 4 декабри соли 2015 барои маълумот ирсол менамоем.

Дар робита, аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки ба вазорату идораҳо ҷиҳати иҷрои карорҳои Протоколи замимагардидаи Платформаи миллӣ дастур диҳед.

Замима: дар ҳаҷми 10 (даҳ) варақ.

Бо эҳтиром,

Раис [signature] Х. Абдураҳимов

**Протоколи**
**мачлиси Платформаи миллӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ**

**4 декабри соли 2015** **№7** **ш. Душанбе**

***Раисӣ кард: Абдураҳимов Х.С. – раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якуми раиси Платформаи миллӣ***

**Иштирок намуданд:** Файзуллозода Ш.Ҷ.- сардори Раёсати мудофиа ва тартиботи ҳуқуқии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (муовини раиси Платформаи миллӣ), Соҳибов Ш.К.- муовини Вазири молия, Зеваршоев З.Т. – муовини Вазири кишоварзӣ, Ҷаъфаров Н.Ҷ.- муовини Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Исмонов Ф. Б. – муовини Вазири маориф ва илм, Рӯзизода А.Ҳ. – муовини Вазири саноат ва технологияҳои нав, Наҷмиддинзода А.Ю.- муовини Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Шарипова О.Т. – муовини Раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зист, Шамсуддинзода С. – муовини Раиси Кумитаи телевизион ва радио, Маҳмадалиев А.Ғ. – муовини Сардори Саридораи геология, Одинаев С. – ноиби Президенти Академияи илмҳо, Мамадҷонов Ю.М.- Директори Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмология (роҳбари ҳайати Гурӯҳи доимоамалкунандаи экспертии Платформаи миллӣ), Камолов Ҷ.Ҷ.- сардори раёсати ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуди Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (котиби масъули Платформаи миллӣ) ва намояндагони вазорату идораҳо: Давлатов Г., Маҳмадуллоев Ҳ., Мирзоев С.Ғ. Аксақолов У. ва дигарон.

Иштирок надоштанд: Холиқзода А.- муовини якуми Вазири адлия, Раҳимзода С.Н. –муовини якуми Вазири энергетика ва захираҳои об (дар вохӯрӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ), Исмаилова М. С. – муовини раиси Кумидаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Ғафоров Б. – муовини директори Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ (дар сафари хизматӣ),

Ба ҳайси нозирон - намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ ва донорҳо иштирок намуданд: Файзуллоев Ф.(Барномаи рушди СММ дар Тоҷикистон), Раноев В. (Дафтари минтақавии СММ оид ба ҳамоҳангсозии корҳои башардӯстона дар Тоҷикистон), Сабзаалиев А. (Агентии Швейтсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ), Абдуваҳобов П. (намояндагии ЮНИСЭФ дар Тоҷикистон), Хамидов З. (Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ), Жарилгасова А. (Дафтари башардӯстонаи ҷомеаи Аврупо), Камарова М. (Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо), Қурбонова Р. (Актед), Такурот Фучии (Агентии ҳамкориҳои байналмилалии Япония), Ноколиенге Аудватер (Вазорати рушди байналмилалии Британия Кабир), Ҷорҷио Долидзе (Барномаи ҷаҳонии хӯрока) ва дигарон.

***РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:***

1. Муайян ва тасдиқ намудани ҳамоҳангсози Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Барномаи чаҳорчӯбавии Сендай оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2015-2030;
2. Рафти иҷрои лоиҳаи ДИПЕКО-8 ва омода намудани дастур оид ба гузаронидани машқҳо дар сатҳи ҷамоатҳо;
3. Баррасии лоиҳаи «Қоидаҳои амалисозии корҳои баркарорсозӣ баъд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ»;
4. Маълумот оиди гузаронидани Конфронси минтақавии Осиёи Марказӣ ва Қафқози ҷанубӣ вобаста ба Барномаи чаҳорчӯбавии Сендай оид ба паст кардани хавфи офатҳо;
5. Баррасӣ ва қабули Нақшаи кори Платформаи миллӣ барои соли 2016

Маҷлиси навбатии Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табииро дар соли 2015 Муовини якуми Раиси Платформаи миллӣ оғоз намуда, мақсади ҷамъшавиро дар маҷлиси навбатии Платформаи миллӣ тавсиф дод. Ҳамзамон, таваҷҷуҳи ҳозиринро оид ба сабабҳои ба амал омадани офатҳои табиӣ дар соли 2015, хисороти расида бар асари онҳо, раванди зарбазанӣ аз раъду барқ, ҳодисаҳои зиёди ғарқшавии аҳолӣ ва пешгирии хавфи сарзадани офатҳои табиӣ ва омодагӣ ба онҳоро баён намуд. Махсусан қайд гардид, ки маълумот дар бораи рафтори аҳолӣ ҳангоми заминҷунбиҳо бояд аз ҷониби мутахассисони соҳаи сейсмологӣ дар васоити ахбори омма пешниҳод карда шавад. Баҳогузории вазъи ба амаломада баъд аз заминҷунбӣ низ бояд аз ҷониби онҳо амалӣ карда шавад. Пешниҳод намуданд, ки аъзоёни Платформаи миллӣ ҳисоботи корҳои анҷомдодашударо дар самтҳои худ пешниҳод намоянд.

Сипас баррасии масъалаҳои рӯзномаи маҷлис анҷом дода шуд.

ШУНИДА ШУД:

Аз рӯи масъалаи якум роҳбари гурӯҳи доимамалкунандаи экспертии Платформаи миллӣ Мамадҷонов Ю.М. баромад намуда, дар бораи муайян ва тасдиқ намудани ҳамоҳангсози Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Барномаи амалиётии Сендай оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2015-2030, иттилоъ дод.

Дар рафти музокираҳо аъзоёни Платформаи миллӣ пешниҳоди Мамадҷонов Ю.М.-ро оид ба ҳамоҳангсозии он аз ҷониби Платформаи миллӣ амалӣ гардад, қобили дастгирӣ шумориданд. Инчунин, аъзои Платформаи миллӣ Одинаев С. пешниҳод карданд, ки вазифаҳои ҳамоҳангсоз дақиқ муайян карда шаванд.

Аз рӯи масъалаи дуюм маълумоти Муовини Котиби генералии Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон Мирова Д.С.-ро сардори Дастгоҳи марказии Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон Мирзоев С.Ғ.

дар бораи рафти иҷрои лоиҳаи ДИПЕКО-8 ва омода намудани дастур оид ба гузаронидани машқҳо дар сатҳи ҷамоатҳо баромад намуд.

Дар рафти музокираҳо раисикунанда пешниҳод намуданд, ки дар вақти ҳолатҳои фавқулодда расонидани кӯмакҳо аз ҷониби ҶҲАТ дар мувофиқа бо комиссия оид ба ҳолатҳои фавқулодда ситод ба роҳ монда шавад.

Аз рӯи масъалаи сеюм Роҳбари Барномаи идора кардани хавфи офатҳои Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид Файзуллоев Фирдавс ба аъзоёни Платформаи миллӣ оид ба гузаронидани Конфронси минтақавии Осиёи Марказӣ ва Қафқози ҷанубӣ вобаста ба Барномаи чаҳорчӯбавии Сендай оид ба паст кардани хавфи офатҳо маълумот дод.

Дар рафти музокираҳо аъзоёни Платформаи миллӣ пешниҳоди мушаххас карданд, аз ҷумла Исмонов Ф.Б. таклиф намуд, ки масъалаи мазкур ба Нақшаи гузаронидани конфронсҳо дар сатҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шавад. Маҳмадалиев А.Ғ. таклиф намуд, ки ба конфронс намояндагони ҳамсояи мо Афғонистон низ даъват карда шаванд. Раискунанда иттилоъ дод, ки гузаронидани конфронс ба нақшаи мазкур пешниҳод гардидааст.

Аз рӯи масъалаи чорум ва панҷум котиби масъули Платформаи миллӣ Камолов Ҷ.Ҷ. аъзоёни Платформаи миллиро бо лоиҳаи «Қоидаҳои амалисозии корҳои барқарорсозӣ баъд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ» ва лоиҳаи Нақшаи кории он барои соли 2016 шинос намуд.

Аъзоёни Платформаи миллӣ Ҷаъфаров Н., Исмонов Ф., Одинаев С., Мамадҷонов М.Ю., Маҳмадалиев А.Ғ. Рӯзизода А.Ҳ. дар муҳокимаи масъалаҳои баррасишуда иштирок намуда, тасдиқи ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардидаро қобили қабул донистанд.

Дар охир, муовини якуми раиси Платформаи миллӣ таваҷҷӯҳи аъзоёнро ҷиҳати баланд бардоштани фаъолияти Платформаи миллӣ, татбиқи лоиҳаҳо аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ, махсусан БР СММ ба иҷрои корҳои амалӣ, пешниҳоди лоиҳаҳо аз ҷониби вазорату идораҳо тибқи самтҳои афзалиятнок, ки ба масъалаҳои паст кардани хавфи офатҳои табиӣ равона шудаанд, таклиф намуд.

Баъд аз баромади Муовини якуми раиси Платформаи миллӣ, аъзои Платформаи миллӣ, котиботи Платформаи миллӣ ва муҳокимаҳо маҷлис қ а р о р қабул кард:

1. Агентии бехдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ба танзим даровардани фаъолияти карерҳои қуму шағалро мавриди баррасӣ қарор дода, ҳангоми таҳияи "Барномаи корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ барои солҳои 2016-2020" банди алоҳида дар ин хусус ворид намоянд;
2. Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии обуҳавошиносӣ, Академияи илмҳо ва Сарраёсати таъсиррасонии фаъол ба ҷараёнҳои метеорологии Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ омузиши пайдоиши абрҳои раъду барқро бо истифода аз стансияҳои радиолокатсионии метеорологӣ (МРЛ) ба роҳ монда, ба Платформаи миллӣ маълумот пешниҳод намоянд.
3. Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба рафтори аҳолӣ ҳангоми заминҷунбиҳо маводҳо омода намуда, дар телевизион пахш намоянд;
4. Маълумоти роҳбари гурӯҳи доимамалкунандаи экспертии Платформаи миллӣ Мамадҷонов Ю.М. оид ба муайян ва тасдиқ намудани ҳамоҳангсози Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Барномаи амалиётии Сендай оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2015-2030 ба инобат гирифта шуда, мувофиқи мақсад дониста шавад, ки ҳамоҳангсозии он аз ҷониби Платформаи миллӣ амалӣ гардад;
5. Маълумоти Муовини Котиби генералии Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон Мирова Д.С. дар бораи рафти иҷрои лоиҳаи ДИПЕКО-8 ва омода намудани дастур оид ба гузаронидани машқҳо дар сатҳи ҷамоатҳо ба инобат гирифта шуда, барои корбарӣ дар доираи татбиқи лоиҳаҳои шарикони гурӯҳи РЕАКТ тавсия дода шавад;
6. Меъёрҳои истеъмоли маводи ғизоӣ дар ҳолатҳои фавқулодда, ки аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст (фармоиши аз 21.09.2015 №806) ва қабули он аз ҷониби Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда мувофиқи мақсад шуморида шавад;
7. Лоиҳаи инвеститсионӣ «Таҷдиди хадамоти муҳандисию сейсмометрӣ дар сарбандҳо», ки аз ҷониби Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст, қобили қабул дониста шуда, дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор ба Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид оиди маблағгузорӣ намудани лоиҳаи мазкур пешниҳод карда шавад;
8. Ҳайати Гурӯҳи доимоамалкунандаи экспертии Платформаи миллӣ:
   - масъалаи таҳияи нақша чорабиниҳо ҷиҳати амалисозии «Барномаи чаҳорчӯбавии Сендай оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои давраи солҳои 2015-2030»-ро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода, хулосаи мувофиқакунонидашудаи худро то 10 марти соли 2016 манзур намоянд;

- масъалаи тахияи Лоиҳаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Низоми ягонаи тайёрии мақомоти идора, қувваю воситаҳои Низоми ягонаи давлатӣ ва маълумотнокии аҳолӣ оид ба ҲФ ва МГ" мавриди омӯзиш қарор дода, хулосаи мувофиқакунонидашудаи худро ба баррасии маҷлиси навбатии Платформаи миллӣ манзур намоянд;
- лоиҳаи «Тартиби таҳияи қисмати чорабиниҳои ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодда дар барномаҳои мақсадноки рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳру ноҳияҳо» таҳия намояд.

9. Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:
   - лоиҳаи «Қоидаҳои амалисозии корҳои барқарорсозӣ баъд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ» қобили қабул дониста шуда, тибқи тартиби муқаррargардида барои мувофиқа ба вазорату идораҳо ирсол карда шавад;
   - гузаронидани Конфронси минтақавии Осиёи Марказӣ ва Қафқози ҷанубӣ вобаста ба Барномаи чаҳорчӯбавии Сендай оид ба паст кардани хавфи офатҳо дар шаҳри Душанбе моҳи апрели соли 2016 мавриди баррасӣ қарор дода, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифҳои мушаххас пешниҳод намояд;
   - гузаронидани вохӯрии дуюми Форуми минтақавии мулоқоти сарони мақомоти салоҳиятдор дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулоддаи кишварҳои узви Муколамаи «Осиёи Марказӣ + Япония» мавриди баррасӣ қарор дода, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифҳои мушаххас пешниҳод намояд;
   - дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ лоиҳаҳои нави Барномаҳои Иттиҳоди Аврупо оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон (ДИПЕКО-9) мавриди баррасӣ қарор дода, хулосаи худро ба Платформаи миллӣ пешниҳод намояд.

10. Вазорату идораҳо (Аъзоёни Платфрмаи миллӣ):
   - Ҳисоботи корҳои анҷомдодашударо оид ба масъалаҳои паст кардани хавфи офатҳои табиӣ ҷиҳати иҷрои Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба идораи хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2010-2015 ба Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 феврали соли 2016 пешниҳод намоянд;

11. Ташкилотҳои байналмилалӣ ва шарикони гурӯҳи РЕАКТ:
   - Ҳисоботи татбиқи пурраи Барномаҳои Иттиҳоди Аврупо оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон (ДИПЕКО-8)-ро ба Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 31 декабри соли 2015 пешниҳод намоянд;
   - Санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар доираи татбиқи лоиҳаҳо таҳия мегарданд, аз ҷумла дастуру барномаҳо барои мувофиқа пешниҳод карда шаванд ва дар гурӯҳи экспертии Платформаи миллӣ баррасӣ карда шаванд.

12. Тасдиқ карда шаванд:
   - «Нақшаи кории Платформаи миллӣ барои соли 2016» (замимаи 1);
   - Ҳамоҳангсози Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Барномаи амалиётии Сендай оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2015-2030 (замимаи 2).

Муовини якуми Раиси Платформаи миллӣ оид ба
паст кардани хавфи офатҳои табиӣ
Х. Абдурахимов

28.12.15г.

Замимаи 1
Бо карори мачлиси Платформаи миллии Чумхурии Точикистон оид ба паст кардани хавфи офатхои табий аз 4 декабри соли 2015 №7 тасдиқ шудааст

Нақшаи кори
Платформаи миллии Чумхурии Точикистон оид ба паст кардани хавфи офатхои табий барои соли 2016

| р/т | Номгӯи масъалаҳое, ки дар мачлис баррасӣ мегарданд | Масъулини ичро | Мӯҳлати ичро | эзоҳ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| 1 | Банақшагирии чорабиниҳои пешгирӣ ва паст кардани хавфи офатҳои табиӣ дар соли 2016 ва пешниҳоди ҳисобот оид ба корҳои анҷомдодашуда | Вазорату идораҳо - аъзоёни Платформаи миллӣ | Марти соли 2016 Декабри соли 2016 | |
| 2 | Баррасии масъалаи ичрои Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба идоракунии хавфи офатҳо барои солҳои 2005-2015 | Кумитаи ҳолатҳои фавкулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Марти соли 2016 | |
| 3 | Ташкил ва гузаронидани Конфронси минтакавии Осиёи Марказӣ ва Қафқози ҷанубӣ оиди Барномаи чаҳорчӯбавии Сендай оид ба паст кардани хавфи офатҳо | Кумитаи ҳолатҳои фавкулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Апрели соли 2016 | |
| 4 | Ташкил ва гузаронидани вохӯрии дуюми Форуми минтақавии мулоқоти сарони мақомоти салоҳиятдор дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавкулоддаи кишварҳои узви Муколамаи «Осиёи Марказӣ + Япония». | Кумитаи ҳолатҳои фавкулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Нимсолаи дуюми соли 2016 | |

| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|
| 5 | Пешниҳод ва баррасии лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ | Аъзоёни Платформаи миллӣ, Ташкилотҳои байналмилалӣ ва донорҳо | Марти соли 2016 Декабри соли 2016 | |
| 6 | Баррасии масъалаи татбиқи тавсияҳои «Барномаи чаҳорчӯбавии Сендай оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2015-2030» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | Аъзоёни Платформаи миллӣ, Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид бо дастгирии ташкилотҳои байналмилалӣ ва донорҳо | Майи соли 2016 | |
| 7 | Натиҷаҳои татбиқи Лоиҳаҳо ва Барномаҳо дар соҳаи паст кардани хавфи офатҳои табиӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон | Ташкилотҳои байналмилалӣ ва донорҳо | Декабри соли 2016 | |
| 8 | Ташкил ва гузаронидани рӯзи байналмилалӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ | Ташкилотҳои байналмилалӣ ва донорҳо | Октябри соли 2016 | |
| 9 | Ташкил ва гузаронидани ҷамъомадҳои миллӣ, мизи мудаввар ва давраҳои омӯзишӣ оид ба таҳким бахшидани Платформаи миллӣ ва ҷалб намудани грантҳо аз донорҳо | Аъзоёни Платформаи миллӣ бо дастгирии ташкилотҳои байналмилалӣ ва донорҳо, | Дар давоми соли 2016 | |
| 10 | Ташкил намудани омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешқадам дар масъалаи паст кардани хавфи офатҳои табиӣ | Аъзоёни Платформаи миллӣ бо дастгирии Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид | Июни соли 2016 | |
| 11 | Иштирок дар чорабиниҳои байналмилалӣ ва машваратҳои минтақавии платформаҳо оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ | Аъзоёни Платформаи миллӣ бо дастгирии ташкилотҳои байналмилалӣ | Дар давоми соли 2016 | |

Замимаи 2

Бо қарори Протоколи қарори маҷлиси Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ аз 4 декабри соли 2015 №7 тасдиқ шудааст

| | |
|---|---|
| Ҳамоҳангсози Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Барномаи амалиётии Сендай оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2015-2030 | – Раиси Платформаи миллӣ, муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Муовини Ҳамоҳангсози Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Барномаи амалиётии Сендай оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2015-2030 | – Муовини якуми раиси Платформаи миллӣ, раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Мақоми кории Ҳамоҳангсози Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Барномаи амалиётии Сендай оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2015-2030 | – котиботи Платформаи миллӣ, шахси масъул сардори Раёсати ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуди Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |